Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-029
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Мамадҷонова Муҳаббат Дадоҷоновна дар мавзуи "Нақши ниҳоди оила дар ташаккули арзишҳои иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ дар даврони муосир (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ)**

Дар марҳилаи муосири рушд ниҳоди оила дар ҷомеаи тоҷикистонӣ тағйиротҳое муҳимеро аз сар мегузаронад, вале он то имрӯз ҳам ба ҳайси умумияти таърихӣ, ки ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсир мерасонад, ҳамчун муҳимтарин ниҳоди иҷтимоишавии шахсият, интиқолдиҳандаи таърихии арзишҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, этникӣ ва ахлоқӣ мақоми худро аз даст надодааст.

Бо ҳамин сабабҳо, дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ таваҷҷуҳи зиёд ба масъалаҳои муҳаббат, издивоҷ, оила дар ҳама синну сол боқӣ монда, тарбияи аввалини инсон ҳамчун мавҷуди иҷтимоӣ ва ташаккули арзишҳои иҷтимоӣ дар ӯ маҳз дар оила сурат мегирад. Аммо равандҳое, ки имрӯз дар ин ниҳоди муҳимми иҷтимоӣ бар асари ҷаҳонишавӣ мушоҳида мешаванд, ба оилаҳои Тоҷикистон низ бетаъсир набуда, онҳо ба таҳаввулоти назаррас мувоҷҷеҳ шуда истодаанд, ки, ба ақидаи аксари муҳаққиқони соҳа, фалокатбору харобиовар буда метавонад.

Аз ин рӯ, таҳқиқи масъалаи нақши оила дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ дар даврони муосир ва мақоми он дар ташаккули арзишҳои иҷтимоии аъзои ҷомеа, махсусан наврасону ҷавонон, диди навро аз нигоҳи илми муосир бо мақсади ошкор сохтани тағйироти дар моҳияти он бавуҷудомада ва паёмадҳои онро барои ҷомеаи муосири мо, ки то ҳол

нишонаҳои асосии ҷомеаи анъанавиро нигоҳ доштааст, мубрам мегардонад (с.3).

Дар автореферати Мамадҷонова М. Д. аҳамияту мубрамияти мавзуи таҳқиқотӣ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, иртиботи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, ҳадафу вазифаҳо ва объекту предмети таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии диссертатсия, сарчашмаҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ ва нуктаҳои асосие, ки барои ҳимоя бароварда мешаванд, дарҷ гардида, дар бораи саҳми шахсии унвонҷӯ ва аҳамияти амалии таҳқиқот, тасвиби амалии натиҷаҳо (апробатсия) ва сохтори диссертатсия маълумоти комил дода шудааст. Дар муқаддимаи автореферат мубрамии мавзуи таҳқиқот, сатҳи таҳқиқи мавзуъ ва робитаи таҳқиқот бо барномаҳои мавзуи илмӣ низ ба пуррагӣ муайян гардиданд.

Диссертант тавонистааст, ки заминаҳои ғоявии ташаккули марҳилаи муосири рушди ниҳоди оила дар ҷомеаи тоҷикистониро аз нуктаи назари гузашта ва имрӯз, асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқи иҷтимоӣ-фалсафии ниҳоди оила ва арзишҳои иҷтимоии онро мавриди таҳлилу баррасии густарда қарор дода, ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гардад.

Муаллиф оиларо аз куҳантарин шаклҳои умумияти инсонӣ маҳсуб дониста, мафҳуми “оила”-ро ба таври асоснок шарҳу тавзеҳ додааст. Аз ҷумла, мафҳуми «оила»-ро ҳамчун гурӯҳи одамон тавсиф додааст, ки бо якдигар алоқаи хешутаборӣ дошта ва калонсолон масъулиятро бар дӯш гирифта, ба тарбияи фарзандон машғуланд. Инчунин, оила ҳамчун ниҳоди иҷтимоие тавсиф шудааст, ки дар ҷомеа мавқеи махсуси худро дошта, вазифаҳои муайянро иҷро мекунад. Инчунин, довталаб барҳақ таъкид намудааст, ки иҷрои самараноки вазифаҳои оила, ки унсурҳои тарбиявӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ, таъмини нуфузи аҳолӣ, робитаи наслҳо ва иҷтимоикунониро фаро мегиранд, ба раванди рушди ҷомеа таъсири бевосита мерасонанд (с.14).

Диссертант қайд менамояд, ки моҳияти арзишҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла фарҳангӣ бо дастрасӣ ба ифшои мундариҷаи мафҳуми арзишҳои оилавӣ ва

таъсири онҳо ба асосҳои аксиологии рушди ҷомеаи муосир метавонад тавсиф карда шавад. Арзишҳо ва табиати онҳо асосан аз нигоҳи аксиология ё арзишшиносӣ арзёбӣ мегарданд. Дар фалсафаи даврони кадим ва баъдан, дар афкори фалсафии асримиёнагӣ арзишҳо бо худи ҳастӣ айният дода шуда, ба мафҳуми он сифатҳои арзишӣ дохил карда шудаанд. Аз ин рӯ, арзишҳоро аз ҳастӣ ҷудо надониста, балки онҳоро дар худи ҳастӣ меҷустанд (с.16).

Ба андешаи муаллиф, оғози оила бо издивоҷ алокаманд аст. Инсон нахуст зиндагии худро дар оилае, ки волидайн бунёд кардаанд, оғоз мекунад ва маҷбур аст, ки онро бо тамоми меъёру анъана ва арзишҳояш қабул кунад. Никоҳро бо оила муқоиса намуда, ба таври возеҳ мушоҳида кардан имкон дорад, ки никоҳ дар моҳияти худ аз интихоб ва қарор ба миён меояд, вале инсон оила (падару модар)-ро интихоб намекунад. Аз ин рӯ, ба интихоби оилае, ки дар он таваллуд шудааст, инсон ягон таъсир расонида наметавонад (с.17).

Лозим ба тазаккур аст, ки автореферат эҷодкорона навишта шуда, мазмун ва муҳтавои ҳар як масъалаи баррасигардида, дар сатҳи зарурӣ бо сабку услуби хоси илмиву фалсафӣ таҳлил шудаанд. Дар кор мустакилияти фикрӣ ва таҳлилу андешаронии хоси муаллиф ба таври возеҳ мушоҳида мешавад. Аз автореферат бармеояд, ки диссертатсия аз муқаддима, ду боби фарогири шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Хулосаҳое, ки муаллиф пешниҳод намудааст, хусусияти возеҳи илмӣ дошта, мантиқан асосноку дурустанд ва вижагиҳои таҳқиқоти гузаронидаи муаллифро инъикос мекунанд.

Сарфи назар аз дастоварду муваффақиятҳои илмӣ дар шарҳу тавсифи мавзуъҳо дар автореферат матраҳгардида баъзе камбудиву норасоиҳо низ ба назар мерасанд. Мувофиқи максад мебуд, ки масъалаи ташаккули арзишҳои оиладорӣ дар ҳавзаҳои гуногуни фарҳангӣ ва бештар муқоисавӣ таҳқиқ мегардиданд. Аммо тавсияин зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ, аҳамияти илмии

диссертатсияро коста намекунад ва ба мазмун ва муҳтавои диссертатсия таъсир расонида наметавонад.

Аз рӯи мазмун ва мундариҷа диссертатсия кори илмии бaанҷомрасида маҳсуб ёфта, дар назария ва амалияи илми фалсафа ҳиссаи худро гузошта метавонад.

Аз ҳама муҳим ин аст, ки дар автореферат ҳадафи таҳқиқот дуруст нишон дода шуда, диссертант ба натиҷаҳои зарурӣ ноил гардидааст. Диссертатсия ва автореферати он дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, бар асоси меъёрҳо ва талаботи муқарраркардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф шудааст ва муаллифи он Мамадҷонова Муҳаббат Дадоҷоновна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 - Фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ) сазовор аст.

Муқарриз:
Доктори илмҳои фалсафа, профессор,
Узви вобастаи АМИТ, Директори
Маркази тадқиқоти стратегии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
E-mail: khidiev@mail.ru Усмонзода Х.У.
Тел: 93-453-10-08.

Имзои Усмонзода Х.У.-ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо, корҳои махсус ва умумии
Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Шодиева З.

Суроғаи муассиса:
734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89,
тел: (+992 37) 221-11-00,
факс: (+992 37) 221-11-00,
E-mail: info@mts.tj;